# ДАСТУР ВА НАМУНАИ АРИЗАҲО ОИД БА МУАЙЯН НАМУДАНИ МАЪЮБӢ

**Донистан зарур аст!**

Мутобиқи Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон», маъюбӣ, сабабҳо, давомнокӣ, вақти фарорасии он, дараҷаи гум кардани қобилияти корӣ ва ба ҳифзи иҷтимоӣ эҳтиёҷманд будани шахс бо роҳи гузаронидани ташхиси тиббию иҷтимоӣ муқаррар карда мешавад.

## Ташхиси тиббию иҷтимоӣ

Ташхиси тиббию иҷтимоӣ бо назардошти арзёбии умумии ҳолати организм дар асоси таҳлили нишондиҳандаҳои клиникии функсионалӣ, маишӣ, иҷтимоӣ, касбӣ, меҳнатӣ ва равонии шахси муоинашаванда амалӣ карда мешавад. Ташхиси тиббию иҷтимоиро Хадамоти давлатии экспертизаи тиббию иҷтимоӣ амалӣ менамояд.

**Хадамоти давлатии экспертизаи тиббию иҷтимоӣ вазифаҳои зеринро иҷро менамояд:**

- муайян намудани ҳолати қобилияти корӣ;
- муддати дароз ё доимӣ гум кардани қобилияти корӣ;
- муайян намудани гурӯҳ ва сабаби маъюбӣ;
- гузаронидани экспертизаи тиббию иҷтимоии такрорӣ, иловагӣ ва комплексӣ барои муқаррар намудани гурӯҳи маъюбии шаҳрвандон, вобаста ба вазъи саломатии маъюбон таҳия намудани тавсияҳо оид ба шароит ва намудҳои меҳнат барои онҳо, касбу корҳои ба онҳо дастрас, ки риояи ин тавсияҳо барои ташкилоту корхона ва муассисаҳо сарфи назар аз шакли моликият ҳатмӣ мебошад.

## Сабабҳои маъюбӣ

Хадамоти давлатии экспертизаи тиббию иҷтимоӣ сабабҳои зерини маъюбиро муайян менамояд:

- бемориҳои умумӣ;
- бемориҳои касбӣ;
- осеби меҳнатӣ;
- маъюбӣ аз овони кӯдакӣ;
- бемориҳои умумӣ;
- бемориҳои касбӣ;
- осеби меҳнатӣ;
- маъюбӣ аз овони кӯдакӣ;

– контузия ё осеб алоқаманд ба амалиётҳо дар давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ ё дар натиҷаи амалиёти ҳарбӣ, ҳимояи сохти конститутсионӣ ва вобаста ба рафъи оқибати неругоҳи барқи атомии Чернобил;
– контузия ё осеб, алоқаманд ба хизмати ҳарбӣ, хизмат дар мақомоти қудратӣ, дар вақти иҷрои хизмати ҳарбӣ.

### Лозим ба ёдоварист!

Бо назардошти дараҷаи коҳиши вазифаҳои организм ва маҳдудияти фаъолияти ҳаётӣ ба шахси маъюб эътирофгардида гурӯҳи маъюбӣ ва ба шахси то синни 18 — сола категорияи «кӯдаки маъюб» муқаррар карда мешавад.

## Тағйирёбии сабабҳои маъюбӣ

Сабабаҳои маъюбӣ метавонанд тағйир ёбанд, ки ҳолатҳои зерин барои тағъйирёбӣ метавонанд асос шаванд:

– пайдо шудани ҳуҷҷатҳои тиббӣ ва ё ҳуқуқии имконияти диҳандаи сабаби тағйири маъюбии “бемориҳои умумӣ” ба сабаби дигар (санад дар бораи фалокати нохуш дар истеҳсолот дар шакли Н-1);
– хулосаи Маркази ҷумҳуриявии клиникии бемориҳои касбӣ;
– ҳуҷҷатҳои тиббӣ-ҳарбӣ ва монанди инҳо;
– ҳангоми илова шудани дигар бемориҳое (осебҳое), ки сабаби вазнин гаштани гурӯҳи маъюбӣ мегардад ё бо хоҳиши маъюб муайян карда мешавад. Ҳангоми пайдо намудани далели муайянсозии сабабҳои маъюбӣ дар асоси ҳуҷҷатҳои ғайриэътимоднок Хадамот ва зерсохторҳои он дар вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ баъди экспертизаи тиббию иҷтимоии ҳаматарафа дар ин маврид сабаби маъюбиро тағйир медиҳад.

## Тартиби муоинаи такрорӣ

Муоинаи такрорӣ дар Хадамоти давлатии экспертизаи тиббию иҷтимоӣ дар асоси роҳхати корфармо, ташкилот ё дигар мақомоти вобасташуда, ки дар он ҷой фалокати нохуш ба амал омадааст, судҳо ё дар асоси аризаи ҷабрдида, санад дар бораи фалокати нохуш дар истеҳсолот ё намуди дигари ҳуҷҷат дар бораи фалокати нохуши алоқаманд ба иҷрои вазифаҳои меҳнатӣ (хулосаи нозири техникии меҳнат, қарори суд) инчунин роҳхати муассисаи шифоию пешгирӣ (ҳангоми бемориҳои касбӣ - роҳхати Маркази ҷумҳуриявии клиникии бемориҳои касбӣ) анҷом дода мешавад.

## Хуҷҷатҳое, ки ба Хадамоти давлатии экспертизаи тиббию иҷтимоӣ барои гузаштан аз экспертизаи тиббию иҷтимоӣ ва муоина пешниҳод карда мешаванд:

- ✓ роҳхат ба Хадамот (шакли - 088/б), ки аз тарафи муассисаи давлатии тиббӣ тартиб дода шудааст;
- ✓ нусхаи шиноснома ё дигар ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсият;
- ✓ нусхаи дафтарчаи меҳнатӣ ё дигар ҳуҷҷати тасдиққунандаи собиқаи меҳнатӣ (барои онҳое, ки кор мекунанд);
- ✓ иқтибос аз таърихи беморӣ;
- ✓ иқтибос аз картаи тиббии дармонгоҳӣ;
- ✓ ҳангоми гузаронидани экспертизаи такрорӣ маълумотнома аз мақомоти таъминкунадаи нафақаи ҷои истиқомати доимӣ;
- ✓ аризаи шаҳрванд.

## Шахсони бори аввал роҳхатгирифта илова ба ҳуҷҷатҳои дар боло зикршуда, ба Хадамоти давлатии экспертизаи тиббию иҷтимоӣ як ё якчанд ҳуҷҷатҳои зеринро низ пешниҳод мекунанд:

1) шахсони бори аввал роҳхатгирифта барои муайян намудани сабабҳои алоқаманди бемориҳо, захмҳо, осебҳо, контузия, ҳуҷҷатҳои тиббӣ-ҳарбӣ, шаҳодатномаи беморӣ ё маълуматнома оид ба хизмат дар мақомоти ҳарбиро пешниҳод менамоянд;
2) шахсони бори аввал роҳхат гирифта барои муайян намудани сабабҳои алоқаманди осебҳои истеҳсолӣ санади тартибдодашударо дар бораи ҳодисаи нохуш дар ҷои кор (ё дигар ҳуҷҷати расмии ивазкунандаи он)-ро пешниҳод мекунанд;
3) шахсони бори аввал роҳхатгирифта барои муайян намудани сабабҳои алоқаманди бемориҳои касбӣ хулосаи Маркази ҷумҳуриявии клиникии бемориҳои касбиро пешниҳод менамоянд;
4) шахсони бори аввал роҳхатгирифта барои бо фоиз муайян намудани қобилияти меҳнатии касбияшон, роҳхати маъмурият ё қарори мақомоти судиро пешниҳод менамоянд.

### Дар хотир бояд дошт!

Хадамоти давлатии экспертизаи тиббию иҷтимоӣ дар доираи ваколатҳои худ, аз тарафи Киммисияи тиббӣ қарор қабул карда, гурӯҳи маъюбиро муайян менамояд. Иҷрои он барои мақомоти дахлдори ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, ва ташкилоту муассисаҳо новобаста аз шакли моликияташон ҳатмӣ мебошад.

Барои ба даст овардани маълумоти бештар ба Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон муроҷиат намоед:

**Суроға:** ш. Душанбе, кӯчаи Шевченко, 69

**Телефонҳо барои тамос:** +992 (37) 221 05-90; + 992 (44) 600 65 09

**Почтаи электронӣ**: info@moh.tj

**Сомона:** https://moh.tj/

**Диққат!**
Дар зер намунаи аризаҳо ба Хадамоти давлатии экспертизаи тиббию иҷтимоӣ оид ба муайян намудани маъюбӣ пешниҳод шудаанд. Ҳангоми зарурат Шумо метавонед бо истифода аз намунаҳои пешниҳодшуда ба мақомоти дахлдор мурҷиат намоед.

*Намунаи 1*

**Ба Хадамоти давлатии экспертизаи тиббию иҷтимоӣ**

**Аз номи** *(насаб, ном ва номи падари муроҷиаткунанда)*, **истиқоматкунандаи** *(суроғаи истиқомати муроҷиаткунанда)*, **рақами телефон:** *(рақами телефони муроҷиаткунанда)*

**А Р И З А**

Аз Шумо эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки дар асоси экспертизаи тиббию иҷтимоӣ гурӯҳи маъюбиро нисбати ман аз рӯи бемориҳои умумӣ, муқаррар намоед.

**Замима:**

1. Роҳхат ба Хадамот (шакли - 088/б), ки аз тарафи муассисаи давлатии тиббӣ тартиб дода шудааст;
2. Нусхаи шиноснома ё дигар ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсият;
3. Нусхаи дафтарчаи меҳнатӣ ё дигар ҳуҷҷати тасдиққунандаи собиқаи меҳнатӣ (барои онҳое, ки кор мекунанд);
4. Иқтибос аз таърихи беморӣ;
5. Иқтибос аз картаи тиббии дармонгоҳӣ.

**Аризадиҳанда:** ____________________ __. __.                    ________________

(ному насаб)                    (имзо)

"____" ________________ _______

(санаи пешниҳод намудани ариза)

*Намунаи 2*

**Ба Хадамоти давлатии экспертизаи тиббию иҷтимоӣ**

**Аз номи** *(насаб, ном ва номи падари муроҷиаткунанда)*, **истиқоматкунандаи** *(суроғаи истиқомати муроҷиаткунанда)*, **рақами телефон:** *(рақами телефони муроҷиаткунанда)*

**А Р И З А**

Аз Шумо эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки дар асоси экспертизаи тиббию иҷтимоии такрорӣ, гурӯҳи маъюбиро нисбати ман аз рӯи бемориҳои умумӣ, муқаррар намоед.

**Замима:**

1. Роҳхат ба Хадамот (шакли - 088/б), ки аз тарафи муассисаи давлатии тиббӣ тартиб дода шудааст;
2. Нусхаи шиноснома ё дигар ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсият;
3. Нусхаи дафтарчаи меҳнатӣ ё дигар ҳуҷҷати тасдиқкунандаи собиқаи меҳнатӣ (барои онҳое, ки кор мекунанд);
4. Иқтибос аз таърихи беморӣ;
5. Иқтибос аз картаи тиббии дармонгоҳӣ;
6. Маълумотнома аз мақомоти таъминкунадаи нафақаи ҷои истиқомати доимӣ.

**Аризадиҳанда:** ______________________ __. __.  ____________________
(ному насаб)  (имзо)

“_____” ____________________ ________
(санаи пешниҳод намудани ариза)